# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000 – Таълими касбӣ (6D012001.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ)**

Таҳлили нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ имкон медиҳанд ҳадс занем, ки барои ташаккули самарабахши қобилияти эҷодии донишҷӯён фанни “Тарҳрезии либос”-ро истифода бурдан мумкин аст. “Тарҳрезии либос” маҳорати дизайнерӣ, ҳамчунин дониши асосҳои назариявии нақшакашӣ, тарҳрезӣ ва ҳаҷмҳои антропологиро барои либос тақозо мекунад. Аз ҳамин сабаб курси мазкури барнома чун фанни таълимие баррасӣ гардидааст, ки он бояд дизайнери ояндаро аз лиҳози маънавӣ, зеҳнӣ ва эҳсосӣ бой кунад. Машғулиятҳо бо донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ба раванди ташаккули инсон чун шахсияти дорои мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ ва муносибати эҷодкорона ба воқеият таъсир мерасонанд.

Оид ба масъалаи мазкур дар диссертатсия аз тарафи Ӯзбекова М.А. қайд гардидааст, ки бо мурури омӯзиши илмӣ муайян карда шуд, ки бо раванди офариниш пайдо шудани маҳсули принсипан нав марбут аст, ки он пеш аз ин вуҷуд надошт; эҷодиёт вақте ки арзишҳои нави моддӣ ва маънавӣ ба вуҷуд оварда мешаванд, дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ зоҳир мегардад. Тавре ки мебинем, фаъолияти дизайнерӣ ташкилаи хеле мураккаб ва мутақобилаи алоқаманд аст, ки ба он қариб ҳамаи сифатҳои шахсият, аз ҷумла қобилиятҳо ворид шудаанд. Зимнан, ҷузъҳои ба он дохилшаванда дар алоқаи мутақобила ва дигаргуншавии доимӣ қарор доранд, махсусан агар он ба дигаргунсозии эҷодии маҳсули моддӣ ё маънавӣ аз ҷониби инсон нигаронида шуда бошад.

Бо ҳамин мақсад зикр карданиям, ки мавзӯи интихобнамудаи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна таҳти унвони “Ташаккули қобилияти

эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос” мавзӯи зарурӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Қобилияти эҷодӣ имкониятҳои донишҷӯён мебошанд, ки дар маҳорати иҷро кардани амалиёти дорои хусусияти эҷодӣ зоҳир ва дар маҳсулоти мушаххаси фаъолияти дизайнерӣ татбиқ мегарданд.

Диссертатсияи таълифнамудаи Ӯзбекова М.А аз бахшҳои “Муқаддима”, “Тавсифи умумии кор”, ду боб, шаш зербоб, бахши “Хулосаҳо”, зербахшҳои “Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия”, “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо”, бахшҳои “Охирсухан”, “Номгӯи адабиёт” бо зербахшҳои “Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ” ва бахши замима иборат мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи муаллиф оид ба мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯи мавзӯи диссертатсия, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадаф ва объекти таҳқиқот, мавзӯъ ва масъалаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, инчунин пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаи он ва интишори натиҷаҳои диссертатсия баррасӣ шудааст.

Чӣ хеле, ки дар боло зикр намудам, диссертатсия аз ду боб, яъне боби аввал “Асосҳои назариявии ташаккули қобилияти эҷодӣ” ном гирифта, он се зербобҳои “Таърихи пайдоиши эҷодиёт дар асарҳои мутафаккирони ҷаҳонӣ”, “Омилҳои психолого-педагогӣ ташаккули қобилияти эҷодии шахсият” ва “Имкониятҳои фанни “Тарҳрезии либос” барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён”-ро дарбар мегирад.

Дар боби аввали диссертатсия аз тарафи диссертант Ӯзбекова М.А. оид ба қобилияти эҷодӣ ва зарурияти ташаккули он, ҷанбаҳои

асосии татбиқи қобилияти эҷодӣ ва кор бо маводи таълимию омӯзишӣ дар фанни тархрезии либос, мақсад, ақидаҳо, хусусият ва арзёбии ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён маълумоти назариявӣ ҷамъ оварда шудааст.

Дар зербоби аввали боби аввал барои муайян кардани моҳияти қобилияти эҷодӣ махфумҳои "эҷодиёт", "қобилият", "қобилияти эҷодӣ" ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаммои аҳамияти эҷодиёт, қобилият ва қобилияти эҷодӣ дар асарҳои педагогон, психологони олимони рус: Б.Г.Ананев, Н.А.Бердяев, Л.С.Виготский, С.Л.Рубинштейн, В.Д.Шадриков, Б.М.Теплов ва олимони тоҷик: оид ба эҷодиёт ва ташаккули муносибати эҷодӣ А.А.Азизов, М.С.Ахмадова, М.А.Дадобоева, М.Н.Дадобоева, О.А.Исломов, Н.Ҷ.Комилов оид ба ташаккули қобилият С.Раҳимов, С. Олов, С.Музаффарӣ саҳмгузор буданд.

Боби дувуми диссертатсия "Мазмун ва таркиби фаъолияти касбии мутахассисони дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тархрезии либос" номгузорӣ шуда, дар он маълумот оид ба шароитҳои педагогии ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён, ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими фанни "Тархрезии либос" ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ оварда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки тадқиқоти диссертатсионӣ кӯшиши таҷдиди назар ба ташаккул додани қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни махсулоти дӯзандагӣ буда, тадқиқоти анҷомдода масъалаҳои пешниҳодшударо тасдиқ кардааст ва онҳо дар тадқиқоти илмӣ пурра ҳал карда шуданд.

Мазмун, мундариҷа ва хулосаи диссертатсияи муаллиф дар автореферат ва корҳои илмӣ аз ҷумла, мақолаҳои илмӣ, маҷмӯи маводи

таълимӣ - методӣ, нишондодҳои методӣ, маводҳои конфронсҳо ба пуррагӣ инъикос гардидааст.

Дар асоси мулоҳизаҳои дар боло зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна таҳти унвони “Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос” дар ташаккули соҳаи педагогикаи тоҷик саҳми назаррасе дорад.

Дар мавзӯи “Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ҳангоми таълими фанни тарҳрезии либос” Ӯзбекова М.А. се маҷмӯи маводи таълимӣ - методӣ таҳти унвони ”Истифодаи қонуниятҳои нақшакашӣ дар тарҳрезии либос”, “Тарҳрезии либос” ва “Низоми автоматикунонӣ ва лоиҳакашии либос” ба нашр расонидааст, ки дар ин маҷмӯаҳо масъалаҳои муҳим ва паҳлӯҳои умдаи мавзӯи мазкур ҳаматарафа таҳлил ва аз назари илмӣ асоснок карда шудаанд.

Маҷмӯи маводи таълимӣ – методии “Истифодаи қонуниятҳои нақшакашӣ дар тарҳрезии либос” фарогири мавзӯъҳои асосии фанни нақшакашӣ буда, моҳият, усул ва истифодаи қонуниятҳои нақшакашӣ дар тарҳрезии либос барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён бо намуна ва тасвирҳои тавзеҳӣ инъикос гаштаанд.

Дар ин маврид гуфтаниям, ки бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат саноатикунонии босуръати мамлакат ҳадафи чоруми миллӣ ва “Солҳои рушди саноат” эълон намудани солҳои 2022 -2026, ҷиҳати рушди соҳа барномаву тадбирҳои амиқ роҳандозӣ мегарданд. Бахусус, дар самти рушди соҳаи саноати сабук корбарӣ тавсеа дода шуда, бобати коркарди нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар корхонаҳои саноатии кишвар тадбирҳо андешида шуда истодаанд.

Ҳалли вазифаи асосии саноати дӯзандагӣ бо баланд бардоштани таъсири саноат, пешравии илму техника, беҳтар кардани сифати кор, такмили меҳнат ва истеҳсолот, таъмини ҷои корӣ бо шахсони дорои қобилияти баланди эҷодӣ дошта, амалӣ карда мешавад. Чун мавзӯи

рисолаи илмӣ марбут ба ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ва соҳаи саноати сабук аст, диссертант кӯшиш намудааст, ки бобати ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти босифати ватанӣ, омӯзиши унсурҳои дӯзандагӣ ва дизайни муосир дар тарҳрезии либос саъйу талош ба харҷ диҳад. Фанни "Тарҳрезии либос" оид ба эҷоди тарҳи либос, ки дар худ намуди зоҳирӣ ва буриши он ва ба донишҷӯён додани маълумоти умумӣ дар бораи таърихи пайдоиш, намуди либосҳо, таъинот ва таснифоти онҳоро дарбар мегирад, маълумотҳои ибтидоиро медиҳад. Инчунин мафҳум ва муқаррароти асосии тарҳрезии либос усулҳои тартиб додани нақшаи конструктивии маснуоти дӯзандагиро меомӯзад.

Чанд сухан оид ба автореферати диссертатсия оварда мешавад. Автореферати таҳиянамудаи Ӯзбекова М.А. дар ҳақиқат фишурдаи диссертатсия дар мавзӯи "Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос" буда, он фарогири тамоми нуктаҳои дар диссертатсия дарҷгардида мебошад. Дар автореферат асоснок намудани мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯи мавзӯи диссертатсия, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадаф ва объекти таҳқиқот, мавзӯъ ва масъалаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, инчунин пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаи он ва интишори натиҷаҳои диссертатсия оварда шуда, натиҷаи корҳои озмоишии таҳқиқот бо расм ва диаграммаҳо тавзеҳ гардидааст. Автореферат бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ навишта шудааст.

Албатта, бояд гуфт, ки таҳқиқоти Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна оид ба масъалаи ташаккули қобилиятҳои эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандаги дар раванди

таълими фанни тарҳрезии либос ҳалли пурраи худро наёфтааст, аммо корҳои анҷомдода барои таҳқиқи илмӣ ва амалии масъалаҳои ташаккули қобилияти эҷодӣ ба ҳайси асос хизмат карда метавонад.

Ҳадафи асосии диссертатсия асосноккунии илмию педагогии ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандаги дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос буда, аз маводҳои назариявию иқтибосҳо маълум мегардад, ки диссертант Ӯзбекова М.А. солҳо заҳмат кашида, натиҷаҳои назаррас ва интизоршавандаро соҳиб гардидааст.

Боиси зикр аст, ки он ҳама мақсаду вазифаҳое, ки аз тарафи диссертант дар муқаддима оварда шудааст, ба онҳо ноил гардида, вазифаҳои дар пеш гузошташуда ба иҷро расонида шудаанд.

Дар маҷмуъ ба диссертант Ӯзбекова М.А. муяссар гардидасст, ки ба объекти пажӯҳиш назар карда, ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи диссертатсияро баррасӣ намояд.

Таҳқиқоти ба охиррасида дорои аҳамиятҳои назариявӣ ва ҳам амалӣ буда, натиҷаҳои онро дар фаъолиятҳои илмиву таълимӣ бе ягон мамоният дар донишгоҳҳои олӣ, дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос истифода бурда шавад.

Мавриди зикр аст, ки аз тарафи диссертант Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна як қатор корҳои илмӣ аз нашр бароварда шудааст.

Шумораи корҳои илмии диссертант вобаста ба мавзӯи диссертатсия 29 ададро ташкил медиҳад, ки 11 адади он дар маҷаллаи тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр бароварда шудааст. Се маҷмӯи маводи таълимӣ методӣ аз чоп баромада, мавриди истифода қарор дорад.

Дастовардҳои натиҷаи таҳқиқот дар омӯзиш ва таҳқиқи қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ҳамчун манбаи зарурӣ ба ҳисоб рафта, хулосаву натиҷаҳои соҳибшудаи

диссертант дар омӯзиши масъалаҳои гуногуни педагогӣ ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода бурдан мумкин аст.

Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000 – Таълими касбӣ (6D012001.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) сазовор дониста мешавад.

Узви вобастаи Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон, д.и.п., профессори кафедраи
методикаи таълими математикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Нугмонов М.

Имзои Нугмонов Мансурро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Назаров Д.Қ.

*Маълумот барои тамос:*
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. хиёбони Рӯдакӣ 121
*Тел.: +992(37) 224-13-83 E-mail:* info@tgpu.tj